**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-029 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# Тақриз

**ба автореферати диссертатсияи Зокиров Сӯҳроб Ибодович дар мавзуи «Нақши арзишҳои маънавӣ дар фазои дигаргуниҳои фарҳангии ҷомеаи муосири Тоҷикистон» барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз руйи ихтисоси 09.00.11- фалсафаи иҷтимоӣ**

Воқеан, замони муосир нисбат ба ҳар давру замон дида таваҷҷӯҳи халқҳои оламро ба фарҳанг, арзишҳои фарҳангӣ ва дастовардҳое, ки инсоният дар тӯли таърих офаридааст дучанд афзудааст. Имрӯз дар ҷаҳони муосир омӯзиш, таҳқиқ ва баррасии масоили фарҳангӣ ҷилои тозае касб намудааст. Фарҳанг тамоми ҷанбаҳои мухталифи зиндагии инсонро дар бар мегирад ва инсон аз оғози тавлид аз тариқи хонавода ва ҷомеа падидаҳои ичтимоӣ - фарҳанг, меъёрҳо, арзишҳои ичтимоиро меомӯзад ва ба ин тартиб, бо ҷомеа ҳамнаво ва созгор мешавад.

Вобаста ба тағйироту дигаргуниҳое, ки дар низоми иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии ҷомеаи муосир ба вуқуъ омада истодаанд диссертатсияи Зокиров Сӯҳроб Ибодович дар мавзуи «Нақши арзишҳои маънавӣ дар фазои дигаргуниҳои фарҳангии ҷомеаи муосири Тоҷикистон» яке аз мавзуъҳои муҳим ва ба пажуҳиш ниёздоштаи фалсафаи иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад.

Муҳим ва саривақти будани баррасӣ ва таҳқиқи мавзуи «Нақши арзишҳои маънавӣ дар фазои дигаргуниҳои фарҳангии ҷомеаи муосири Тоҷикистон» аз ҷониби Зокиров Сӯҳроб Ибодович дар он ифода меёбад, ки замони пуртаззод ва зудтағйирёбандаи имрӯз, ки тамоюлҳои бисёрҷанба, мушкилоти ичтимоӣ ва маънавиро ба вучуд овардааст сабабгори он аст, ки имруз мо ҳарчи бештар ба омӯзишу таҳқиқ ва баррасии масоили марбут ба фарҳанг ва арзишҳои моддиву маънавии офаридаи инсоният рӯй оварем, падидаҳои пешрафтаи онро қабул

намудаву ба халқу меҳани худ муаррифӣ намоем. Воқеан инсоният дар ҳар як давраи таърихӣ кӯшиши омӯзиш, таҳқиқ ва баррасии арзишҳо, падидаву ҳодисаҳои рӯзмарраи ҳаёти хешро роҳандозӣ менамояд ва ҳамзамон дар баробари ин бахри нигоҳдошти таъриху фарҳанги аҷдодии хеш раванди эҳёи анъанаву урфу одатҳои миллӣ, азнавсозии суннатҳои волои фарҳанги гузаштагонро намуда, бо ин раванд рисолати инсонии хешро иҷро менамоянд.  Дар ин маврид худи муҳаққиқ низ дар фишурдаи рисолаи хеш бамаврид қайд намудааст, ки бухронҳои кунунии фарҳангӣ ва маънавӣ, тамоюлҳои бисёрҷанба, мушкилиҳои иҷтимоӣ ва маънавиро ба вуҷуд овардааст. Дар баробари ин ҳаёти иҷтимоии шахс боз ҳам мураккабтар мегардад. Равандҳои ҷаҳонишавӣ ва бухронҳои иҷтимоӣ-этникӣ инсонро аз худ ва аз олами маънавиаш бегона намудаанд.

Таҳлил ва баррасии қисмати дараҷаи омӯзиши мавзӯъ нишон медиҳад, ки диссертант барои таҳияи кори таҳқиқотӣ аз сарчашмаҳои асл, асарҳои илмӣ-тадқиқотии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ ба таври зарурӣ истифода бурдааст. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки доираи фаҳмиши диссертант нисбати ҷанбаҳои мухталифи илмии мавзуъ васеъ буда, маълумоти кофиро оид ба арзишҳои маънавӣ ва роҳҳои вусъати таъсири он ба интиқоли фарҳангҳо ва таҷрибаҳои иҷтимоии аз як насл ба насли дигар гузаштанро доро мебошад.

Маводи дар қисмати дараҷаи омӯзиши мавзуъ тахлил ва коркардкардашуда ба кори илмии мазкур алоқамандии зич доранд. Мақсади таҳқиқот таҳлили асосҳои илмӣ-методологии масъалаи арзишҳои маънавӣ ва муайян намудани нақши онҳо дар фазои дигаргуниҳои фарҳангии Тоҷикистони муосир ба ҳисоб рафта, вазифаҳои пешгузошта ба мақсад мувофиқат мекунанд. Ба сифати сарчашмаҳои илмӣ-назариявӣ асарҳои файласуфон, ҷомеашиносон, фарҳангшиносони ватанию хориҷӣ мавриди истифода қарор дода шудаанд.

Навгонии илмии таҳқиқот асоснок намудани асосҳои илмӣ-методологии масъалаи ташаккули арзишҳои маънавӣ ба ҳисоб рафта, дар ин замина ба таври мушаххас дар чунин натиҷаҳо инъикос ёфтааст: моҳияти арзишҳои маънавӣ ҳамчун падидаи иҷтимоию фарҳангӣ асоснок карда шудааст; таҳаввули диду назарҳои илмӣ оид ба моҳияти арзишҳои маънавӣ баррасӣ карда шудааст; омилҳои муҳимми таъсиррасон ба ташаккули арзишҳои маънавӣ дар муҳити ҷомеаи тағйирёбанда нишон дода шудааст;   ба гардиши илмии фалсафаи иҷтимоӣ баррасии мақоми арзишҳои маънавӣ дар муҳити хоси фарҳангию иҷтимоӣ ворид гардидааст; алоқамандии ҳастии арзишҳои маънавӣ ва муносибатҳои истеҳсолии ҷомеа дар шароити муосир нишон дода шудааст; муайян

гардидааст, ки ташаккулёбӣ ва ҳастии арзишҳои маънавӣ аз вижагиҳои мушаххаси муҳити муайяни фарҳангӣ вобастагӣ дорад; нақши арзишҳои маънавӣ барои паст кардани шиддати якрангкунонӣ ва умумикунонии ҳамаи шаклҳои фаъолияти ҳаёт дар раванди ҷаҳонишавӣ нишон дода шудааст; таносуби шаклҳои зуҳури арзишҳои маънавӣ вобаста ба муҳитҳои хоси фарҳангӣ ва тамоюлоти рушди ҷомеаҳо возеҳ баён гардидааст; замина ва омилҳои риоя нашудани баъзе аз арзишҳои маънавӣ дар рафтору муносибати аъзои ҷомеа вобаста ба хусусиятҳои иҷтимоӣ ва фардии онҳо таҳлил шудааст.

Диссертант, зимни таҳқиқ ва таҳлили масъалаи мазкур методҳои таҳқиқотии фалсафӣ ва мантиқии маърифат, аз ҷумла, методи таҳқиқотии таърихӣ, фалсафӣ-муқоисавӣ, мантиқӣ-таҳлилӣ, герменевтикӣ, низомнокӣ, муносибати байнифаннӣ, ки ба соҳаи фалсафаи иҷтимоӣ иртибот дорад, истифода намудааст.

Автореферат ва маводи интишоркардаи диссертант мазмун ва мундариҷаи диссертатсияро ба пуррагӣ ифода мекунанд. Таҳқиқот ба талаботи шиносномаи тахассус - 09.00.11 - фалсафаи иҷтимоӣ мувофиқат мекунад.

Дар хулоса натиҷаҳои асосии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва тавсияҳо доир ба истифодаи амалии натиҷаҳо ҷамъбаст карда шудаанд. Сахми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар муайян намудани мақсад ва вазифаҳои таҳкикот, муайян намудани объект ва предмети тадқиқот, мушаххас намудани масъалаҳои асосии таҳқиқот, коркард ва таҳлилу тафсири маълумотҳои бадастомада, коркарди муқаррароти назариявӣ ва методӣ, пешниҳоди тавсияҳои амалӣ инъикос меёбад. Хулосаҳое, ки дар диссертатсия пешниход шудаанд натиҷаи тадқиқоти мустақилонаи унвонҷӯ маҳсуб мешаванд.

Дар баробари муваффақиятҳои илмӣ диссертатсия аз камбудиҳо ори нест. Аз ҷумла, ба андешаи мо дар як зербоби алоҳида таҳқиқ ва таҳлил намудани хизматҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомали Раҳмон дар тавсеа ва густариши нақши арзишҳои маънавӣ дар Тоҷикистони муосир кори тахкикотиро боз ҳам мукаммал менамуд.

Камбудии ҷойдошта хусусияти тавсиявӣ дошта, дар корҳои илмии минбаъдаи диссертант ба эътибор гирифтани аз манфиат холӣ нест.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Зокиров Сӯҳроб Ибодович дар мавзуи «Нақши арзишҳои маънавӣ дар фазои дигаргуниҳои фарҳангии ҷомеаи муосири Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз руйи ихтисоси 09.00.11- фалсафаи иҷтимоӣ ба талаботи

Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои сазовор гаштан ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз руйи ихтисоси 09.00.11 - фалсафаи иҷтимоӣ арзанда мебошад.

**Доктори илмҳои фалсафа, и.в. профессори кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Умедов М.Ҳ.**

**Имзои Умедов М.Ҳ.-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ** **Тавқиев Э.**

11. 10-2023

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17
**E-mail:** tnu.int.re@gmail.com
**Веб-сайт:** www.tnu.tj
**Тел.:** (+992 37) 221-77-11; 221-47-96